## Натиҷа:

1. Хусусияти аз ҳама муҳим ва фарққунандаи мактаби миллетӣ аз дигар мактабҳои давраи то суқротӣ дар бошуурона матраҳ намудани масъала оиди асоси ҷавҳарияти ҳамаи мавҷудот ифода мегардад.
2. Аз рӯи ақидаи Фалес мабдаи олам об мебошад.
3. Анаксимандр аз файласуфони атиқа авалин шуда чизеро, ки дар моҳияти ҳамаи мавҷудот қарор дорад, мабдаъ номид. Ин мабдаъ ба ақидаи ӯ на як унсури ҷудогонаест, аммо ким чи хел ба ҳамаи онҳо бетафовут буда, ҷавҳари номуайян- апейрон мебошад.
4. Пифагор ақидаи «адад асоси ҳамаи ашёст»-ро баён намуд.
5. Ба ақидаи Ксенофан асоси ҷавҳари оламро хок ташкил мекунад, ки аз он бо ёрии об ҳаёт ба вуҷуд меояд.
6. Парменид оғози ҳама чизро оташ ва хок меҳисобид.
7. Гераклит оғози ҳамаро оташ меҳисобид
8. Демокрит ва пайравони ӯ оғози офаринишро ба атом нисбат медиҳанд.

**Саволҳо барои КМДУ:**

1. Чор давраи асосии таърихи фалсафаи атиқаро номбар карда, хусусиятҳои онҳоро шарҳ диҳед.
2. Хусусияти мактаби милетӣ аз чи иборат буд?
3. Хусусияти хоси таълимоти Пифагор.
4. Хусусияти фалсафаи мактабҳои элей ва афина.

Таълимоти атомистҳо оиди пайдоиши олам.